# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ҚАРОР

## Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри соли 2010, № 581

Мутобиқи моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри соли 2010, № 581 "Дар бораи тасдиқи Нишони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Нишони сарисинагии "Аълочии мақомоти андоз" тағйироти зерин ворид карда шавад:

- ном дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

"Дар бораи тавсифи рамз ва нишони сарисинагии мақомоти андоз";

- муқаддимаи қарор дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

"Мутобиқи моддаи 163 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:";

- дар банди 1) калимаҳои "Нишони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Нишони" ба калимаҳои "Рамзи мақомоти андоз ва нишони" иваз карда шаванд;

- дар бандҳои 2) ва 3) калимаҳои "Нишони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Нишони" мувофиқан ба калимаҳои "рамзи мақомоти андоз" ва "нишони" иваз карда шаванд.

2. Ба замимаи 1 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри соли 2010, № 581 "Дар бораи тасдиқи Нишони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Нишони сарисинагии "Аълочии мақомоти андоз" тағйироти зерин ворид карда шавад:

- дар ном ва банди 2 калимаҳои "Нишони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба калимаҳои "рамзи мақомоти андоз" иваз карда шаванд;

- банди 1 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

"1. Рамзи мақомоти андоз нишони расмӣ буда, тааллуқ доштани онро ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад";

- дар банди 3 калимаҳои "Нишони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба калимаҳои "Рамзи мақомоти андоз" иваз карда шаванд.

3. Ба замимаи 2 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри соли 2010, № 581 "Дар бораи тасдиқи Нишони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Нишони сарисинагии "Аълочии мақомоти андоз" тағйироти зерин ворид карда шавад:

- дар ном ва банди 3) калимаҳои "Нишони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба калимаҳои "рамзи мақомоти андоз" иваз карда шаванд;

- дар банди 1) калимаҳои "Нишони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба калимаҳои "Рамзи мақомоти андоз" иваз карда шаванд.

4. Ба замимаи 3 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри соли 2010, № 581 "Дар бораи тасдиқи Нишони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Нишони сарисинагии "Аълочии мақомоти андоз" тағйироти зерин ворид карда шавад:

- дар ном ва банди 1) калимаҳои "Нишони сарисинагии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба калимахои "нишони сарисинагии" иваз карда шаванд;

- дар бандҳои 4), 5) ва 6) калимаҳои "фармони" ва "раёсатҳои" мувофиқан ба калимаҳои "фармоиши" ва "раёсати андози андозсупорандагони калон, раёсатҳои" иваз, калимаи "қасдан" хориҷ карда шавад.

5. Дар замимаи 4 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри соли 2010, № 581 "Дар бораи тасдиқи Нишони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Нишони сарисинагии "Аълочии мақомоти андоз" тағйироти зерин ворид карда шавад:

- дар ном калимаҳои "Нишони сарисинагии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба калимаҳои "нишони сарисинагии" иваз карда шаванд;

- дар банди 1 калимаҳои "Нишони сарисинагии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Нишони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" мувофиқан ба калимаҳои "Нишони сарисинагии" ва "рамзи мақомоти андоз" иваз карда шаванд.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе,

аз 22 сентябри соли 2022, № 459